**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Сатторов Амирҳамза Баҳодурович дар мавзӯи “Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01 – Адабиёти тоҷик**

Лозим ба ёдоварист, ки забон ва адаби форсӣ-тоҷикӣ пас аз забон ва адаби арабӣ дар Шарқ ва Ғарб тайи ҳазор сол чун дуюмин забони тамаддуни исломӣ воситаи баёни ҳақоиқ ва таълимоти дини мубини ислом ба шумор меравад. Яке аз мавзӯъҳои муҳимму мубрам таъсирпазирии суханварони бузурги порсигӯ аз “Қуръони маҷид” ва аҳодиси набавӣ мебошад. Бузургони адаби форсӣ-тоҷикӣ, аз Маликушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ то Аҳмади Дониш донандаи каломи Илоҳӣ ва аҳодиси Расули Акрам (с.) буданд ва таълимоти исломро дар асарҳои ҷовидонаи худ ба кор бурданд. Ҳамаи ин аз таъсири “Қуръони маҷид” ва ҳадисҳои Пайғамбари ислом (с.) дар адабиёти форсу тоҷик ҳам аз назари мазмуну муҳтаво ва ҳам аз лиҳози балоғату фасоҳат шаҳодат медиҳанд.

Яке аз чунин намояндагони машҳури адабиёти форсу тоҷик Камолуддин Абулатои Кирмонӣ машҳур ба Хоҷуи Кирмонӣ мебошад, ки на танҳо ба ҳайси суханвари бузург, балки донишманди варзидаи исломӣ низ шуҳрату эътибор дошт. Пажӯҳиши муҳаққиқи ҷавон аз он гувоҳӣ медиҳад, ки дар осори ин адиби нозукбин нукоти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ фаровон истифода шудааст. Ин мавзӯи муҳимро Сатторов Амирҳамза Баҳодурович мавриди баррасӣ ва арзёбии илмӣ қарор дода, дар ин кор муваффақ ҳам гардидааст.

Пеш аз ҳама, қайд кардан ба маврид аст, ки муҳаққиқ, азбаски мутахассис ва донандаи хуби забон ва адабиёти арабӣ ва форсӣ мебошад, таркибу ибора, ояту ҳадисҳои дар ашъори Хоҷу корфармударо хеле хуб шарҳу тавзеҳ дода, таҳқиқи ҳаматарафа намудааст.

Дар оғози автореферат тавсифи умумии кори ба анҷомрасонида бозгӯ шудааст. Мубрамият ва зарурати интихоби мавзӯъ маҳаки асосии таҳқиқот буда, муаллиф оид ба пайдоиши тамаддуни исломӣ, ки дар асоси қонунҳои Қуръон ва ҳадисҳои набавӣ ба вуҷуд омадааст, ибрози андеша намудааст.

Дар дараҷаи омӯзиши мавзӯъ муаллиф оид ба фикру ақоиди олимони ватанию хориҷӣ ва пажӯҳиши онҳо дар баррасии ҳаёт ва фаъолияти Хоҷуи Кирмонӣ баҳс намудааст.

Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот низ дар автореферат зикр ёфтааст. Дар ин хусус муаллиф мегӯяд: "Моҳият ва мақсади омӯзишу пажӯҳиши мо масъалаҳои таъсири Қуръон, ҳадис ва талмеҳоти динӣ дар ғазалиёти Хоҷуи Кирмонӣ ва нишон додани мавқеи истифодаи оятҳои қуръонӣ, ҳадисҳои набавӣ ва талмеҳоти динӣ дар ғазалиёти шоир мебошад" (Автореферат, саҳ. 14).

Инчунин, дар автореферат метод ва методологияи таҳқиқот, сарчашмаҳои таҳқиқот, объект, предмет ва навгониҳои таҳқиқот, аҳамияти назарӣ ва амалии таҳқиқот, апробатсия ва сохтори кор мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор гирифтааст.

Боби аввали автореферат **«Таъсирпазирии Хоҷу аз оятҳои қуръонӣ»** унвон дошта, аз чор бахш иборат аст. Дар бахши аввал аспирант доир ба таъсири "Қуръон"-у ҳадис ва дигар талмеҳоти динӣ ба адабиёт, бахусус, шеъру шоирӣ баҳс намуда, таъсири оятҳои қуръониро бо далелҳои муътамад исбот намудааст. Умуман, ҳар як зерфасли ин боб дар автореферат шарҳ ёфта, муаллиф кӯшиш намудааст, ки ба таври фишурда, аммо возеҳу равшан фикру ақоиди худро баён созад.

Боби дуюми автореферат, ки **«Истифодаи Хоҷуи Кирмонӣ аз ҳадисҳои набавӣ»** номгузорӣ шудааст, аз ду фасл таркиб ёфтааст.

Дар ҳар ду фасли боби мазкур аспирант таъсири ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти шоирро ҳаматарафа мавриди таҳқиқ қарор дода, бо

овардани далелҳо нишон додааст, ки то чи андоза Хоҷу дар истифода аз ҳадисҳои набавӣ дастболо будааст.

Дар боби сеюм, ки **«Хусусиятҳои бадеӣ ва мушаххасоти ҳунари Хоҷу дар корбурди нукоти қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ»** унвон дорад, аз ду зерфасл иборат аст. Фаслҳои он фарогири таҳқиқи масъалаҳои ҳунари шоирии Хоҷу, истифодаи оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ, таркибу ибора ва образҳои қуръонӣ, инчунин, мазмуну мухтавои "Қуръон"-у ҳадис дар ғазалиёти шоир, қудрату тавоноии Хоҷу дар истифода аз калимаву таркибҳои оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ баррасӣ ва мушаххас гардида, хусусиятҳои бадеии онҳо муайян карда шудааст.

Дар хулосаи автореферат, натиҷаҳои илмии диссертатсия ба тарики фишурда оварда шудааст. Масалан, муаллиф оид ба таъсирнокии ояҳои "Қуръон" ва аҳодиси Расули Худо (с.) дар ашъори Хоҷуи Кирмонӣ, махсусан, дар ғазалиёти ӯ чунин ибрози андеша намудааст: "Таъсирпазирӣ аз "Қуръон" ва ҳадисҳои набавӣ дар тамоми навъҳои адабии девони шоир мушоҳида мешавад, аммо дар ғазалиёти ӯ мақоми хос касб кардаанд" (Автореферат, саҳ.49).

Сарфи назар аз комёбиҳои муаллиф дар автореферат баъзе камудиҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳи онҳо ба арзиши илмии автореферат метавонанд таъсири мусбат расонад:

1. Хуб мешуд, ки агар муаллиф он порчаҳои шеърие, ки аз Хоҷуи Кирмонӣ ба забони арабӣ дар автореферат овардааст, бо ҳарфҳои кириллӣ нею бо хатти арабӣ китобат мекард.
2. Агар дар кор истифодаи ояҳои қуръонӣ ва аҳодиси набавӣ аз нигоҳои шоирони пеш аз Хоҷу ва фарқи онҳо аз ғазалиёти ба ин мавзӯъ бахшидаи Хоҷуи Кирмониро муаллиф бозгӯ менамуд, хубтар мешуд.
3. Дар автореферат хатоҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ низ ба назар мерасанд, ки ислоҳи онҳоро ба манфиати кор медонем.

Новобаста ба камбудиҳои ҷузъии дар фавқ зикршуда, автореферати рисолаи номзадии Сатторов Амирҳамза Баҳодурович таҳти унвони

“Таъсирпазирӣ аз оятҳои қуръонӣ ва ҳадисҳои набавӣ дар ғазалиёти Ҳоҷуи Кирмонӣ” ҳамчун тадқиқоти анҷомёфта, комилан ба меъёри рисолаи номзадӣ мутобиқ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филология аз рӯи ихтисоси 10.01.01- “Адабиёти тоҷик” мебошад.

Номзади илмҳои филология, дотсенти
кафедраи адабиёти тоҷик ва
журналистикаи Донишгоҳи давлатии
Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Холиқова З.К.
Суроғаи электронӣ:
E-mail: mudir-72@mail.ru
Тел.: +992 918 67 08 50

“Имзои З. Холиқоваро тасдиқ мекунам”:
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК
ба номи А. Рӯдакӣ: Амиров Ф.